*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 52 (4635) | ЧОРШАНБЕ, 12 АПРЕЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# ҚУДРАТИ МУТТАҲИДСОЗӢ

## Онро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба маъраз гузоштанд

**21 - 24 - уми марти соли равон дар шаҳри Нью-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико силсилаи чорабиниҳое доир гардид, ки аз лиҳози моҳияту махсусият беназир буда, мақому манзалати бениҳоят баланд, обрӯву нуфузи хоса ва маҳбубияти бесобиқаи фарзанди фарзонаи миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бори дигар ба маърази ҷаҳониён гузошт.**

Аз ҷониби дигар, силсилачорабиниҳои мавриди назар моҳиятан силӣ ба рӯи нотавонбинони давлат ва миллати тоҷик аст. Шаппотие, ки ин тоифаро ба ҳолати нокаут расонида, ба худ омаданашон дар гумон аст...

Манзури ман ифтитоҳи Намоишгоҳи «Таърихи рушди Тоҷикистон» дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид, тақдими туҳфаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид, чорабинии «Об ва Наврӯз - ду сарчашмаи ҳаёти башар», Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», чорабиниҳои канорӣ бо номи «Табдили институтҳои иқтисодии глобалӣ ба манфиати умум: Даъват барои бедоршавӣ аз ҷониби Комиссияи глобалӣ оид ба иқтисодиёти об» ва «Харитаи роҳ барои соли 2025», «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» мебошад.

Дар бораи иштироку суханронии Подшоҳи Нидерланд, Президенти Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид, Президенти Ироқ, Президенти Ботсвана, Президенти Либерия, Президенти Словения, Сарвазири Тувалу, Сарвазири Намибия, Сарвазири Мали, муовинони сарвазирони Барбадос, Куба, Конго, Монтенегро, Эфиопия, Ветнам, 110 ҳайати расмии кишварҳои узви СММ бо роҳбарии вазирон, масъулини 100 созмони минтақавию байналмилалӣ, ташкили намоишгоҳҳои рамзӣ ҳамчун гузаргоҳ - нақби пӯшида ва маҳсули дасти ҳунармандони тоҷик, барномаи ҳунарии идонаи наврӯзии устодони санъат ва тақдими қуттии рамзии «Рӯзномаи амал оид ба об», бо тамоми уҳдадории кишварҳо ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва Раиси Маҷмаи умумии СММ маълумоти муфассал аз ҷониби Хадамоти матбуоти Президенти мамлакат расонаӣ гардида, такрору айнан нусхабардории онҳоро бе назару бардошт ва хулоса (ҳамон тавре ки аксарият карда истодаанд) ҷоиз намедонам.

Мухтасар мегӯям: Ифтихор кардам!

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## САФАРИ ҲАЙАТИ ПАРЛУМОНИИ ТОҶИКИСТОН БА САНКТ-ПЕТЕРБУРГ

12 - уми апрели соли равон ҳайати расмии Парлумони Тоҷикистон, ки ба он узви Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон шомиланд, таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода барои иштирок дар Ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (АБ ИДМ), Ҷаласаи пленарии 55-уми АБ ИДМ ба шаҳри Санкт - Петербурги Федератсияи Россия сафар намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## КОМИССИЯ ОИД БА ҲАМКОРИИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА ШӮРОИ ФЕДЕРАТСИЯ – ТАВСЕАБАХШИ РАВОБИТ



**11-уми апрели соли 2023 дар шаҳри Москва ҷаласаи ёздаҳуми Комиссия оид ба ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия баргузор гардид.**

Дар кори он аъзои Комиссия оид ба ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия, кормандони дастгоҳҳои палатаҳои болоии парламентҳои ҳар ду кишвар ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок доштанд. Дар оғози ҷаласа ҳамраисони комиссия Аҳмадзода Раҷаббой ва Николай Журавлёв маърӯза намуданд.

Изҳор гардид, ки ҷаласаи навбатии Комиссия оид ба ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия ба рушди муносибатҳои ҳар ду кишвар дар самтҳои гуногуни ҳамкорӣ такон мебахшад.

Тибқи рӯзномаи ҷаласа, нахуст рафти амалишавии Ҳуҷҷати хотимавии Форуми VII байнипарламентии «Тоҷикистон - Россия: неруи ҳамкории байниминтақавӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, сипас аъзои комиссия доир ба вазъи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар самти фарҳангию гуманитарӣ, аз ҷумла илм, маориф ва дигар масъалаҳои муҳим мубодилаи афкор намуданд.

Масъалаҳои дигари рӯзномаи ҷаласа - вақт ва макони баргузории ҷаласаи дувоздаҳуми Комиссия, инчунин ҷараёни омодагӣ ба Форуми VIII байнипарламентии «Тоҷикистон - Россия: неруи ҳамкории байниминтақавӣ» низ баррасӣ гардиданд.

Вобаста ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул шуд.

**www.majmilli.tj**

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# ТАСДИҚИ ЧОР СОЗИШНОМА АЗ ҶОНИБИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**12 - уми апрели соли 2023 таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**



**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 56 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Карим Гулмуродзода, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдухолиқ Амирзода, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ, муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоамон Рафизода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ чор масъала пешниҳод шудааст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар нест? Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо бемории сил**

**2. Дар хусуси Созишномаи грантӣ (кумаки техникӣ) байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Дастгирии узвияти Бонки миллии Тоҷикистон дар Алянс барои фарогирии молиявӣ»**

**3. Дар хусуси Протокол оид ба қатъи амали протоколи байни ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи мутобиққунии корбурд ва бастани созишномаҳо доир ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата аз даромад ва моликият аз 15 майи соли 1992**

**4. Дар бораи Ёддошти тафоҳум байни Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муқовимат бо терроризм, маблағгузории он, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва ҷиноятҳои асосии алоқаманд ба он (ҷиноятҳои предикатӣ).**

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи якум сухан ба муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирзода Абдухолиқ дода мешавад. Марҳамат.

**Абдухолиқ АМИРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раисикунанда, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Васеъшавии равандҳои глобалӣ, аз ҷумла муҳоҷират ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсир гузошта истодааст. Мутаассифона, дар ҳолатҳои гуногуни муҳоҷират, аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ, гирифторшавӣ ба бемориҳои сироятӣ дар ҷойи будубоши муваққатӣ, аз ҷумла бемории сил, ки асосан бемории хусусияти иҷтимоидошта аст, ба чашм мерасад.

Созишномаи мазкур барои давом ва вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва таъмин намудани мувофиқати тадбирҳои давлатии зиддиэпидемиологӣ ва санитарию гигиенӣ барои ҳифзи санитарии минтақаҳои тарафҳо мусоидат намуда, дастрасии



шаҳрвандони тарафҳоро ба хизматрасониҳои тиббию санитарӣ фароҳам хоҳад овард. Барои татбиқи созишномаи мазкур маблағи иловагӣ пешбинӣ намешавад. Баргузории чорабиниҳои муштарак пешакӣ аз ҷониби тарафҳо муайян шуда, хароҷоти он бо назардошти захираҳои молиявии мавҷудаи шарикон мутобиқи қонунгузории амалкунандаи тарафҳо ва уҳдадориҳои байналмилалӣ амалӣ мегардад. Созишномаи мазкур имконият медиҳад, ки тарафҳо аҳамияти ҳамкориро дар пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ байни ҳар ду кишвар, ки ба аҳолии давлатҳои тарафҳо хатари калон дорад, ба эътибор гирифта, дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҳар ду кишвар бо назардошти аҳамияти иҷтимоӣ баҳрамандӣ аз таҷрибаҳои мусбати тарафҳо ба роҳ монад. Ин иқдом барои таҳкими минбаъдаи дурнамои соҳаи иҷтимоии аҳолии кишвар аз лиҳози иқтисодию молиявӣ манфиатовар ҳисобида мешавад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи созишномаи зикршуда овоз диҳед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Ашӯрзода Гулбаҳор дода мешавад. Марҳамат.

**Гулбаҳор АШӮРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раисикунанда, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо бемории сил аз ҷониби Ҷумҳурии Қазоқистон таҳия гардида, дар рафти сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 - уми майи соли 2021 ба имзо расид. Доир ба Созишнома муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассал маълумот дод.



Созишномаи мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 – уми марти соли 2023 таҳти №1592 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудани созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуданд. Созишномаи мазкур бо моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқ шудани созишнома овоз диҳед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарофзода Гавҳар дода мешавад. Марҳамат.

**Гавҳар ШАРОФЗОДА:**

**- Муҳтарам Раисикунанда, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Ҳамкориҳо дар пешгирӣ намудани паҳншавии бемориҳои сироятӣ барои нигоҳ доштани саломатӣ аҳамияти хеле калон дорад. Созишномаи мазкур барои вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва таъмин намудани мувофиқати тадбирҳои давлатии зиддиэпидемиологӣ ва санитарию гигиенӣ барои ҳифзи санитарии минтақа бамаврид аст. Бинобар ин, аз вакилони гиромӣ хоҳишмандам созишномаи мазкурро дастгирӣ намоянд. Қазоқистон яке аз ҳамсояҳои стратегӣ ва наздики Тоҷикистон ба шумор рафта, дар ин лаҳзаҳои ҷаҳонишавии фарҳангу мазҳабҳо



ва рафтуои муҳоҷирони меҳнатӣ, қабули ин санади меъёриву ҳуқуқиро дар доираи талаботи мавҷудаи ҳар ду ҷониб зарур мешуморам.

**РАИСИКУНАНДА:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо бемории сил» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии Созишномаи грантӣ (кумаки техникӣ) байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Дастгирии узвияти Бонки миллии Тоҷикистон дар Алянс барои фарогирии молиявӣ» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир дода мешавад. Марҳамат.

**Гулбаҳор НАЗИРӢ:**



**- Муҳтарам Раисикунанда, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Бонки миллии Тоҷикистон аз 7 - уми декабри соли 2011 узви комилҳуқуқи «Алянс барои фарогирии молиявӣ» (АФМ) мебошад. Фаъолияти АФМ ба пешбурди сиёсати фарогирии молиявӣ дар кишварҳои аъзо равона гардидааст.

14 - уми декабри соли 2022 лоиҳаи фарогирии молиявии гендерӣ оғоз гардид, ки он тавассути баимзорасонии Созишнома байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Дастгирии узвияти Бонки миллии Тоҷикистон дар Алянс барои фарогирии молиявӣ» (АФМ) сурат грифт.

Мақсади асосии созишномаи мазкур дастгирии узвияти Бонки миллии Тоҷикистон дар АФМ барои солҳои 2022 ва 2023 тавассути пешниҳоди грант ба маблағи 90 000,00 (навад ҳазор) доллари ИМА мебошад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# 2022 - СОЛИ ЭЪТИРОФИ ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНИИ ТОҶИКИСТОН

**(Идома аз шумораи гузашта)**

Зимни ин сафарҳо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боғҳои нави интенсивӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро ифтитоҳ карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи обёрии замин, аз ҷумла бунёду ба истифода додани хатҳои нави интиқоли об ва дар хоҷагиҳои деҳконии шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Хатлону Суғд ба рафти кишти такрорӣ, нашъунамои пахта ва дигар зироат, таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Сарвари давлат хати оби полезиро мавриди истифода қарор дода, дар Корхонаи давлатии кишоварзии «Палос» (8-уми феврали соли 2022) ва дар «Боғи миллии Ваҳдат» (9-уми феврали соли 2022) ба бунёди боғҳои нави интенсивӣ асос гузоштанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавзеи Дашти Қозии деҳоти «Ёрӣ»-и шаҳри Панҷакент хати оби полезиро барои обёрии 200 гектар замин ба истифода супорида, ба бунёди боғи нави интенсивии чормағз дар майдони 14 гектар оғоз бахшиданд.

Дар мавзеи Дашти Қозии шаҳри Панҷакент, ҳамчунин, Сарвари давлат фермаи чорвопарвариро барои парвариши 100 сар чорво бо 15 ҷойи корӣ мавриди истифода қарор доданд. (14-уми апрели соли 2022)

15-уми апрел дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Сарвари давлат хати оби полезӣ, Корхонаи парандапарварӣ ва истеҳсоли тухм бо 100 ҷойи кор ва Коргоҳи истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорвои Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Амина К»-ро бо 15 ҷойи корӣ мавриди истифода қарор дода, ба корҳои бунёди боғи интенсивии хоҷагии деҳқонии «Сомонӣ» бо 15 ҷойи кор оғоз бахшиданд.

Дар ноҳияи Ашти вилояти Суғд хати оби полезӣ, боғи нави гелос ва фермаи чорвопарварии Муассисаи давлатии «Хоҷагии зотпарварии ба номи Тӯйчӣ Эрйигитов» (16-уми апрели соли 2022) мавриди истифода қарор дода шуд.

26-уми май Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба деҳоти «Панҷоб»-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ташриф оварда, бо истифодаи мақсадноки замин дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТОҶ АГРО» шинос шуданд. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТОҶ АГРО» дорои 70 гектар замини обӣ буда, хоҷагидорон ҳар қитъа заминро оқилона истифода намуда, зироати гуногун кишт кардаанд. 35 гектар заминро токзор, аз ҷумла ангурҳои содиротӣ ташкил медиҳанд.

Соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири мусоидат ба рушди соҳаи кишоварзӣ, бахусус тараққӣ додани бахшҳои чорводорӣ, моҳипарварӣ, парандапарварӣ ва коркарди саривақтию беталафи ҳосили бадастовардаи марди деҳқон якчанд корхонаю коргоҳ, гармхона ва сардхонаҳоро ифтитоҳ карданд. Аз ҷумла, корхонаи истеҳсолии ҶДММ «Ганҷи деҳа» оид ба истеҳсоли равғани растанӣ ва қуттиҳои пластикӣ дар ноҳияи Дӯстӣ бо 20 ҷойи корӣ, фабрикаи парандапарварии ҶДММ «Конибодом паранда» дар шаҳри Конибодом бо 20 ҷойи корӣ (11-уми августи соли 2022), сардхонаи Хоҷагии деҳқонии «Ҳоҷӣ Камол»-и шаҳри Турсунзода бо ғунҷоиши 1000 тонна (3-юми октябри соли 2022), Корхонаи парандапарварии мурғи гӯштии ҶДММ «Сувайба-2014» дар шаҳри Кӯлоб бо 20 ҷойи кор (23-юми октябри соли 2022), Корхонаи бандубасти меваю хушкмева ва сабзавот дар шаҳри Бохтар бо 15 ҷойи кор (2-юми ноябри соли 2022), марҳилаи якуми корхонаи парандапарварии ҶДММ «Баҳори пурфайз»-и шаҳри Ваҳдат бо 30 ҷойи кор, боздид аз ҳавзҳои моҳипарварии ҶДММ «Баҳор» дар деҳоти «Ромит»-и шаҳри Ваҳдат (10-уми ноябри соли 2022), ба истифода додани фабрикаи парандапарварӣ бо 10 ҷойи кор, гармхонаи замонавии «Евро 6»-и ҶДММ «ММК Агро» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ифтитоҳи сардхонаи нав дар Боғи миллии «Ваҳдат» бо ғунҷоиши 1000 тонна маҳсулот (13-уми ноябри соли 2022), коргоҳи коркард ва бандубасти ҶДММ «Меваҳои ҳазорчашма» дар ноҳияи Деваштич бо 10 ҷойи кор (14-уми ноябри соли 2022).

Бунёди ин коргоҳу корхонаҳо агар аз як тараф, омили муҳими таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои шаҳрвандон бошад, аз ҷониби дигар, дар роҳи расидан ба ҳадафҳои созандаи Ҳукумати мамлакат барои афзоиши маҳсулоти ватании ивазкунандаи воридот ва содироти бештари маҳсулот ба хориҷи мамлакат мусоидат мекунад, зеро меваҳои аксари боғҳои интенсивӣ ба содирот нигаронида шудаанд.



Дар навбати худ фурӯши маҳсулот дар хориҷи мамлакат боиси даромади хуби иқтисодии хоҷагиҳо ва корхонаҳои ватанӣ мегардад.

**МАОРИФ**

Маориф бахши муҳими пешбарандаи ҷомеа буда, дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду пешрафти ин соҳа таваҷҷуҳи хос зоҳир мегардад.

Соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои рушди соҳаи маориф беш аз 6,4 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2021-ум 14,3 фоиз зиёд мебошад.

Афзоиши ҳаҷми маблағгузории соҳа, бунёди даҳҳо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мактаби олӣ, муассисаҳои томактабӣ дар саросари мамлакат, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва ҷудо намудани квотаҳо барои духтарону писарони лаёқатманди ноҳияҳои дурдаст баҳри идомаи таҳсил дар донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ аз тадбирҳои мушаххаси дар ин самт амалишуда мебошанд.

Бо мақсади рушди инфрасохтори соҳа 221 муассисаи таълимӣ ва томактабӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Зимни сафарҳои кории Сарвари давлат дар якчанд шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ муассисаҳои томактабӣ, коллеҷҳо, гимназияҳо, мактабҳо ва биноҳои иловагии таълимии донишгоҳу донишкадаҳо ба истифода дода шуда, ба хотири шиносоӣ бо вазъи соҳа, шароити таҳсили хонандагон ва фаъолияти омӯзгорон мулоқоту вохӯриҳои судманди Пешвои миллат бо аҳли маорифи мамлакат баргузор гардид.

Аз ҷумла, соли 2022 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе Муассисаи томактабии хусусии «Закия» барои қабули 140 кӯдак бо 30 ҷойи кор, бинои иловагии таълимӣ дар Муассисаи таълимии «Гимназияи хусусии Кафолат» (17-уми марти соли 2022), Муассисаи таълимии ғайридавлатии Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (15-уми апрели соли 2022), Мактаби байналмилалии «Контакт»-и шаҳри Исфара (17-уми апрели соли 2022), бинои хобгоҳи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара (17-уми июни соли 2022), Коллеҷи тиббии ғайридавлатӣ дар ноҳияи Ховалинг (16-уми июли соли 2022), Коллеҷи ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан (10-уми августи соли 2022), Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12 дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи Умари Хайём» дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе (31-уми августи соли 2022), маросими гузоштани санги асос барои сохтмони бинои филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе ва ифтитоҳи расмии фаъолияти таҳсилотии донишкада (31-уми августи соли 2022), ифтитоҳи бинои нави Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1-уми сентябри соли 2022), Муассисаи таълимии хусусии «Мактаби муосири байналмилалӣ» дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе (1-уми сентябри соли 2022), ифтитоҳи 5 мактаби миёна бо забони русӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври маҷозӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин (1-уми сентябри соли 2022), ифтитоҳи бинои нави маъмурӣ ва таълимии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар шаҳри Душанбе (27-уми сентябри соли 2022), Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии хусусии «Гимназияи Нуриддин» дар шаҳри Душанбе (27-уми сентябри соли 2022), Коллеҷи технологияҳои инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб (23-юми октябри соли 2022), бинои шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён, бинои нави таълимӣ ва хобгоҳи Мактаб-интернати ноҳияи Қубодиён (1-уми ноябри соли 2022), Муассисаи ғайридавлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии ноҳияи Шаҳритус» (1-уми ноябри соли 2022), бинои нави Маркази таҳсилоти рақамии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (15-уми ноябри соли 2022), бинои нави таълимӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе (20-уми декабри соли 2022) ва ғайра мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар маҷмӯъ, соли 2022 барои рушди соҳаи маориф 24 мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ, 2 гимназия, литсей, 8 боғчаи бачагон, 3 хобгоҳ барои донишҷӯён, донишгоҳ, 4 бинои иловагии таълимӣ ва маъмурии донишгоҳҳо, 4 коллеҷи тиббӣ ва ҳунармандӣ, бинои шуъбаи маориф ва хобгоҳу бинои таълимӣ барои мактаб-интернат ба истифода дода шуданд.

Мавриди зикр аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар сол чун анъанаи нек якуми сентябр дар Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ иштирок карда, дар бораи сиёсати сулҳовар ва маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаронӣ мекунанд.

Ин навбат чунин мулоқот якуми сентябри соли 2022 дар бинои нави Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино баргузор гардид. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон устодону донишҷӯёни пойтахт ва аҳли маорифи мамлакатро бо фарорасии соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш, ки бо дарси сулҳ оғоз мегардад, ҳамчунин ба муносибати ифтитоҳи бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино самимона табрику таҳният гуфтанд.

**ТАНДУРУСТӢ**

Бо мақсади рушди соҳаи тандурустӣ ва сари вақт бартараф намудани мушкилоти мавҷуда соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ 2,6 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2021-ум 13 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ барои кумакпулии унвонии иҷтимоӣ 116 миллион сомонӣ равона гардида, ба 31 ҳазор нафар, аз ҷумла 9,5 ҳазор нафар кӯдакони ниёзманд хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ расонида шуданд.

Соли 2022 дар якчанд шаҳру ноҳияҳои мамлакат марказҳои муосири тандурустӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, коллеҷҳои тиббӣ ва дигар иншооти зарурии соҳа мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд, ки бешак, барои рушду пешрафти соҳаи тандурустӣ дар мамлакат ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ мусоидат мекунанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба рушди соҳаи тандурустӣ дар ифтитоҳи даҳҳо адад иншоот иштирок карданд, аз ҷумла, бинои Беморхонаи ноҳиявии рақами 5 дар ноҳияи Ашт бо 80 кат ва 50 ҷойи корӣ (16-уми апрели соли 2022), хобгоҳи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара (17-уми июни соли 2022), Коллеҷи тиббии ғайридавлатӣ дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон (16-уми июли соли 2022), бинои иловагии Беморхонаи марказии шаҳри Конибодом (11-уми августи соли 2022), бинои асосии Беморхонаи клиникавии шаҳрии №1-и шаҳри Хуҷанд, ифтитоҳи ҶДММ «Ортопедия ва технологияи муосир» дар шаҳри Хуҷанд бо 30 ҷойи корӣ (12-уми августи соли 2022), бинои нави Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар шаҳри Душанбе (1-уми сентябри соли 2022), гузоштани санги асоси беморхонаи марказӣ ва маркази саломатӣ дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин, ифтитоҳи бинои нави Маркази назорати давлатии санитарӣ ва эпидемиологӣ дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин (23-юми октябри соли 2022), Муассисаи ғайридавлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии ноҳияи Шаҳритус», Муассисаи тиббию ташхисии «Оишаи Шаҳритус» бо 40 кат ва 60 ҷойи кор (1-уми ноябри соли 2022), бинои иловагии панҷошёнаи таълимӣ, табобатӣ ва хобгоҳи донишҷӯёни Муассисаи ғайридавлатии таълимии «Коллеҷи тиббию иҷтимоии шаҳри Бохтар» (2-юми ноябри соли 2022), маркази саломатӣ дар деҳоти ба номи Ҳайдар Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (13-уми ноябри соли 2022) ва ифтитоҳи бинои иловагии Маркази табобатию солимгардонии «Соҳил» дар шаҳри Гулистон бо 15 ҳуҷра ва 30 ҷойи корӣ (15-уми ноябри соли 2022).

Дар маҷмӯъ, соли 2022 - юм 23 муассисаи табобатӣ, ташхисӣ ва таълимӣ дар соҳаи тандурустӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

**(Идома дорад)**

**Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА, Самариддин АЙНИДДИН.**

# ТАСДИҚИ ЧОР СОЗИШНОМА АЗ ҶОНИБИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Аъзогӣ дар АФМ ба Бонки миллии Тоҷикистон барои омӯзиши таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати фарогирии молиявӣ, бахусус дастгирии фарогирии молиявии занон, имкон фароҳам меорад.

Тибқи шартҳои қисми 3.01 Созишномаи грантӣ, Бонки миллии Тоҷикистон пардохти якуми грантро қабул намуда (Ҳаққи узвияти солонаи Бонки миллии Тоҷикистон дар АФМ (45 000,00) барои соли 2022 аз тарафи Бонки аврупоии таҷдид ва рушд пардохт шуд), ба АФМ барои пардохти аъзоҳаққӣ ирсол намуд.

Дар доираи гранти мазкур гузаронидани чорабиниҳо ба нақша гирифта шудааст, ки барои татбиқи «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» мусоидат хоҳад кард.

Ҳамзамон, бо мақсади қабули пардохти дуюм тибқи қисми 3.01 созишнома Бонки миллиро зарур аст, ки гурӯҳи кории дахлдорро таъсис дода, чорабиниҳои зарурирo иҷро намояд.

Созишномаи грантӣ барои Бонки миллии Тоҷикистон муҳим ба ҳисоб меравад ва бо мақсади омӯхтани таҷрибаи байналмилалӣ дар татбиқи «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026», дастрасӣ ба маблағгузорӣ барои соҳибкорони хурду миёна, бахусус занону бонувон, рушди минбаъдаи низоми бонкӣ дар ин самт, иштироки намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон дар гурӯҳҳои кории АФМ манфиатовар мебошад.

Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи санади мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Дӯстмуродзода Сурайё дода мешавад. Марҳамат.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раисикунанда, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Созишномаи грантӣ (кумаки техникӣ) байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Дастгирии узвияти Бонки миллии Тоҷикистон дар Алянс барои фарогирии молиявӣ» 14 - уми декабри соли 2022 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Амалишавии созишнома имкон медиҳад, ки занони соҳибкор ба хизматрасониҳои молиявӣ мутобиқ ба таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дастрасӣ пайдо намоянд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи зикргардидаро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи грантӣ (кумаки техникӣ) байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Дастгирии узвияти Бонки миллии Тоҷикистон дар Алянс барои фарогирии молиявӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии «Протокол оид ба қатъи амали протоколи байни ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи мутобиққунии корбурд ва бастани созишномаҳо доир ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата аз даромад ва моликият аз 15 майи соли 1992» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода Карим Гулмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Карим ГУЛМУРОДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раисикунанда, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Протоколи мутобиққунандаи корбурд ва бастани созишномаҳо доир ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата аз даромад ва моликият бо мақсади истифодаи созишномаи намунавӣ байни ҳукуматҳои давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо давлатҳои сеюм ба имзо расида буд.

Протокол оид ба қатъи амали протоколи зикршуда бинобар дар алоҳидагӣ байни аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба имзо расидани созишномаҳо оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата омода шудааст.

Қобили қайд аст, ки Протоколи мазкурро ҷониби давлатҳои узви ИДМ, аз ҷумла Тоҷикистон, 4 -уми марти соли 2021 ба имзо расонидааст.

Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Протоколи пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Абдусаломзода Мунаввар дода мешавад. Марҳамат.

**Мунаввар АБДУСАЛОМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раисикунанда, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Протокол оид ба қатъи амали протоколи байни ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи мутобиққунии корбурд ва бастани созишномаҳо доир ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата аз даромад ва моликият аз 15 - уми майи соли 1992 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи зикргардидаро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Протоколи зикршуда бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Протокол оид ба қатъи амали протоколи байни ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи мутобиққунии корбурд ва бастани созишномаҳо доир ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата аз даромад ва моликият аз 15 майи соли 1992» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии Ёддошти тафоҳум байни Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муқовимат бо терроризм, маблағгузории он, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва ҷиноятҳои асосии алоқаманд ба он (ҷиноятҳои предикатӣ) шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рафизода Мирзоамон Ҳамдам дода мешавад. Марҳамат.

**Мирзоамон РАФИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раисикунанда, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

27 - уми августи соли 2022 дар шаҳри Ҷиддаи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар соҳаи муқовимат бо терроризм, маблағгузории он, қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва ҷиноятҳои асосии алоқаманд ба он (ҷиноятҳои предикатӣ) ба имзо расид.

Ёддошти тафоҳуми мазкур бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти дар самти муқовимат бо терроризм, маблағгузории он, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва ҷиноятҳои асосии алоқаманд ба он (ҷиноятҳои предикатӣ) ба имзо расидааст.

Ҳуҷҷати мазкур имкон медиҳад, ки табодули маълумот ва таҷриба оид ба низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҳар ду кишвар сурат гирад, гузаронидани тадқиқот ва курсҳои омӯзишӣ, конференсияҳо, семинарҳо, муҳокимаҳои тарафайн ва ташрифоти байниякдигарӣ аз рӯи масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҳар ду ҷониб имконпазир гардад, инчунин дар табодули маълумоти тафтишотӣ ва дархостҳои истирдод корбарӣ шавад.

Ёддошти тафоҳуми мазкур мавриди арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ қарор гирифта, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор нагашт. Инчунин, санади мазкур барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони Тоҷикистон зарур ва бамаврид буда, барои оянда заминаи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Тасдиқи ёддошти тафоҳуми мазкур ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории ҷории кишвар тақозо намекунад ва инчунин, ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи ҷумҳурӣ мухолифат надорад. Аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки қабули санади мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Азимзода Толибхон дода мешавад. Марҳамат.

**Толибхон АЗИМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раисикунанда, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ёддошти тафоҳуми баррасишаванда байни Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, ки 27 – уми августи соли 2022 дар шаҳри Ҷидда аз ҷониби прокуророни генералии ҳар ду кишвар ба имзо расида, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гаштааст.

Ёддошти мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ намуданд.



Ёддошт ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 7, 8, 9, ва 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз шумо, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ёддошти тафоҳум байни Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муқовимат бо терроризм, маблаггузории он, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва ҷиноятҳои асосии алоқаманд ба он (ҷиноятҳои предикатӣ)» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА: -** Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа ворид гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои фаъол буданатон миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН, Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум». Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

**Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ДАСТУРАМАЛЕ, КИ МУШКИЛОТРО РАФЪ НАМУДА, ФАЪОЛИЯТРО БЕҲБУД МЕБАХШАД

**ГУЛЗОДА Маҳмадшоҳ Қурбоналӣ, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, профессор**



23-юми декабри соли 2022 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои давраҳои оянда муайян намуда, оид ба пешбурди муваффақи сиёсати хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияти мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ иҷрои вазифаҳои мушаххасро ба миён гузоштанд. Аз ҷумла зикр намуданд: «Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳо ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад».

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати мамлакат, роҳбарону кормандони соҳаҳои дахлдорро вазифадор карданд, ки то соли 2026 бо истифода аз тамоми имкониятҳо бахри соҳибкасб гардонидани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки соҳиби касбу ҳунар надоранд, чораҷӯӣ намоянд. Ҳамчунин, дастур доданд, ки ба беҳтар гардонидани сифати таҳсилоту касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва ба омӯзиши ихтисосу ҳунарҳои барои бозори меҳнат зарурӣ фаро гирифтани аҳолӣ, хусусан ҷавонон ва занону бонувон, тадбирҳои фаврӣ андешида шавад.

Дар ҳақиқат, дигаргунӣ ва навовариҳои дунёи илм ва технология дар замони муосир, ислоҳоти соҳаи илму маориф ва боло бурдани сифати таҳсилотро тақозо менамояд, зеро тамоми дастовардҳои илмиву техникии башарият аз рушду устувории соҳаи маориф сарчашма мегирад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз даврони истиқлолияти давлатӣ ба рушди маориф, маърифатнокии насли ҷавон, бунёди мактаби замонавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Барномаи идоракунии сифати таҳсилот қабул гардидааст, ки имконият фароҳам меорад, то таълим ба сатҳи баланд расонида шавад ва муваффақияти натиҷаҳои таҳсилот ба талаботи истифодабарандагон таъмин гардад.

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз бунёдгузорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи тандурустӣ, рушди илми тиб ва таҳким бахшидани солимии ҷомеа нақши арзанда дорад. Роҳбарият ва ҳайати омӯзгорону кормандони донишгоҳ ба мақсади дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳсилоти босифат ва саҳм гузоштан дар рушду такмили соҳаи тандурустӣ пайваста талош менамояд.

Барои иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёмашон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23- юми декабри соли гузашта дар бораи беҳтар гардонидани сифати таҳсилоту касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ ироа гардид, тадбирҳои мушаххас андешида мешавад. Барои ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино мукаммалсозию мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ, ҷараёни таҳсилот ба меъёрҳои байналмилалӣ, ҷорӣ намудани технологияи муосир ва усулҳои эътирофгардидаи сатҳи байналмилалӣ самти афзалиятнок муайян гардида, барои замонавӣ гардидани низоми таҳсилот ва сифатнокии он марҳила ба марҳила ибтикорҳои зарурӣ амалӣ мегардад. Дар натиҷаи мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба стандартҳои байналмилалии таҳсилот, системаи таҳсилоти донишгоҳ муосир гардида, усулҳои ҷадид дар таълиму тарбия роҳандозӣ шудааст. Аз ҷумла, донишгоҳ ҷараёни таълим, баҳодиҳӣ ва натиҷагирии сифати таълимро тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ ба истифодаи васеи технологияи муосири иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва низоми кредитии таълим ба роҳ мондааст. Дар ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва мутобиқ намудани он ба талаботи бозори меҳнат ва стандартҳои байналмилалӣ тадбирҳо ҷиҳати таъмини омода намудани кадрҳои салоҳиятнок, ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати ҷаҳонӣ ва муосир дар инкишофи иқтидори кадрии илмии соҳаи тандурустии мамлакат расолати худро иҷро намуда истодаанд. Ин даргоҳи муқаддас бо кадрҳои маъруф, анъанаҳои арзишманд, мактабҳои соҳавӣ, дастовардҳои таълимӣ, илмиву эҷодӣ ва табобатии худ боиси ифтихори миллати тоҷик гардидааст. Роҳбарияти донишгоҳ барои иҷрои вазифаҳое, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон дар назди масъулони соҳаи маориф ва тандурустӣ гузоштанд, бо тарҳрезии нақшаҳо ба ҳадафҳо талош менамояд.

Бо дарки муҳимияти самти илму маориф, тандурустӣ, барои татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулони ниҳодҳои дахлдори давлатӣ вазифадоранд, ки дар раванди қабул ва татбиқи барномаҳои таълимӣ аз таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон истифода карда, талош намоянд, ки аз раванди рушди илму маориф, тандурустӣ ва технологияи муосир дар канор намонанд.

Метавон гуфт, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кулли масоили ҳалталаби ҷомеа, роҳҳои ҳалли он ва рушди босуботи мамлакат дақиқ матраҳ шуда, нишондодҳои он аз ҷониби ҷомеа бояд чун дастуламал истифода шаванд.

# ХИЗМАТРАСОНИИ РОЙГОНИ ТИББӢ ДАР ВАҲДАТ

**Аз соли 1950 бо пешниҳоди Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ҳар сол 7-уми апрел Рӯзи ҷаҳонии тандурустӣ баргузор мегардад. Ба ин муносибат аксар кишварҳои дунё чорабиниҳои маърифатӣ - иттилоотӣ баргузор намуда, дар байни аҳолӣ ташхису табобати ройгонро ба роҳ мемонанд.**

**Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин чорабинӣ имсол бо шукӯҳу шаҳомати хос баргузор гардид.**

Таҷлили Рӯзи ҷаҳонии тандурустӣ дар Беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат, беморхонаҳои минтақавӣ, Муассисаи давлатии кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва марказҳои саломатии деҳоти шаҳри Ваҳдат доир шуд. Аз соати 8-и субҳ табибон ройгон шаҳрвандонро муоина карда, бо доруворӣ таъмин намуданд.

Ба ширкаткунандагон дар маркази шаҳр ва деҳоти он бо мақсади пешгирии бемориҳои сироятӣ, дигар бемориҳо, инчунин «COVID-19», ки то ҳол дар аксар кишварҳо боқӣ мондааст, корҳои ташвиқотию тарғиботӣ бурда, буклету варақаҳои иттилоотӣ, маҷаллаи «Даво» ва рӯзномаи «Паёми шифо» дастрас шуд.

- Рӯзи ҷаҳонии тандурустӣ ҳар сол дар муассисаҳои тандурустии шаҳри Ваҳдат ва деҳоти он доир мегардад. Агар се соли охир санаи мазкур ба муолиҷа ва ташхиси бемориҳои сироятӣ, ултрасадо, сабти барқии дил, бемориҳои қалб, бемориҳои амрози занона, фишорбаландӣ, ҷоғар (зоб), бемории диабету афсурдаҳолӣ (депрессия), дилу рагҳои хунгард, бемориҳои дарунӣ бахшида шуда бошад, соли 2023 зери шиори «Ҳадафи мо - кафолати солимии аҳолӣ» баргузор шуд,- гуфт сардухтури Беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат Сироҷиддин Раҳмонзода.

Зикр шуд, ки аз рӯзҳои аввали моҳи апрел дар деҳоти дурдасти «Ромит», «Чорсӯ», «Чӯянгарон», «Симиганҷ» ва «Гулистон» 70 кӯдак аз ҷониби табибони собиқадор хатна шуданд. Инчунин, ҳар моҳ дар деҳоти зикршуда «Корвони саломатӣ» ташкил шуда, гурӯҳи калони мутахассисони соҳа ба мардум ройгон хизмат мерасонанд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# ҚУДРАТИ МУТТАҲИДСОЗӢ

## Онро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба маъраз гузоштанд

(Идома аз саҳ. 1)

**ДОНО ВА БА ГУФТАН ДАЛЕРУ ТАВОНО**

Дар маросими ифтитоҳи Намоишгоҳи «Таърихи рушди Тоҷикистон» муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таърихи қабул гардидани Эъломия дар бораи Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон ва талошҳои мардуми тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ барои расидан ба сулҳу субот ва рушди устувори иқтисодӣ бо истинод ба далелҳои муътамад сухан карданд.

Таъкид шуд, ки «ҳоло Тоҷикистон бо азму иродаи қавӣ ва мақсаду мароми нек дар фазои сулҳу субот, эҳтироми гуногунандешии сиёсӣ, ризоият ва ваҳдати миллӣ дар роҳи рушду таҳкими пайвастаи пояҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қадамҳои устувор мегузорад». Аз дастгирии ташаббусҳои кишвари мо ёдовар шуда, Роҳбари мамлакат гуфтанд: «Мо қарорҳои Созмони Милали Муттаҳидро дар заминаи пешниҳод ва ибтикороти Тоҷикистон оид ба эълон кардани соли 2003 ҳамчун «Соли байналмилалии оби тоза», соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт», солҳои 2005 - 2015, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор солҳои 2018 - 2028», соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», Рӯзи ҷаҳонии пиряххо муқаррар намудани санаи 21-уми март ва таъсиси Бунёди мақсадноки ҳифзи пиряххоро дар раванди ҳалли ин мушкилот бисёр муҳим медонем».

Ҳадаф аз баргузор кардани намоишгоҳро Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон муаррифии намунаҳои фарогири давраҳои муҳими таърихи давлатдории тоҷикон, фарҳанги ғаниву қадима, табиати зебову нотакрори давлат, захираҳои фаровони табиӣ, имкониятҳои сайёҳӣ, ёдгориҳои таърихӣ, санъат ва ҳунармандиву меъмории мардуми тамаддунсози тоҷик номиданд.

**САХОВАТ ВА МУРУВВАТ**

Тақдими туҳфаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид идомаи мантиқии ин раванд маҳсуб мешавад. Дар ин маросим таъкид шуд, ки туҳфаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоскунандаи нақши назаррас ва рамзи аҳамияти санъат дар таҳкими сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ байни халқҳо мебошад.

Моҳияти туҳфаи мазкурро муфассал шарҳу тавзеҳ дода, Пешвои миллат гуфтанд, ки «Тоҷи кунгурадор бозёфти нотакрори таърихӣ буда, ба замони оғози ташаккулёбии халқи тоҷик - ибтидои давлатдории Кӯшониён рост меояд ва бо номи этникии «тоҷик» робитаи бевосита дорад. Реша ва асли калимаи «тоҷик» аз вожаи «тоҷ» ва маънояш тоҷдор, яъне давлатдор мебошад. Ин нигора, ҳамчунин, таърихи қадим ва мероси ғанӣ доштани халқи тоҷикро, ки аз замонҳои қадим дар рӯҳияи сулҳу субот ва ба таври осоишта бо тамаддуну миллатҳои дигар ҳамзистӣ доштааст, муаррифӣ мекунад».

Таъкид шуд, ки ин ҳадя, ҳамчунин саъю талоши ҳамаҷониба ва дастгирии мардуми тоҷикро аз ҳадафҳо ва арзишҳои Созмони Милали Муттаҳид дар самти таҳкими муносибатҳои дӯстонаи байни кишварҳо дар заминаи эҳтироми усули баробарӣ ва худмуайянкунии халқҳо тавассути таърих, санъат ва маданият бозгӯӣ менамояд.

Намоишгоҳи ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон низ ҷузъе аз саховату муруввати Пешвои миллат мебошад. Дар он ҳазорон нафар бо маҳсули дасти ҳунармандони хушзавқу хушсалиқаи тоҷик, аз ҷумла сарулибоси миллӣ, ҳунари кандакорӣ дар чӯб, оҳангарӣ, нонҳои хуштаъм, санъати рассомӣ, асбобҳои мусиқӣ, расму мусавваракҳо аз мавзеъҳои зебову нотакрори кишвар ва маҳсулоти аз сангҳои қиматбаҳои Ватан омодагардида шинос шуданд.

Муҳим он аст, ки ашёи дар намоишгоҳ гузоштушуда бозгӯи фарҳангу тамаддуни ғанӣ буда, аз ҳунармандӣ, бунёдкорию ободгарӣ ва меҳнатдӯстии мардуми тоҷик шаҳодат медиҳад.

Барномаи ҳунарии идонаи наврӯзии устодони санъат ва ҳунармандони тоҷик ба чорабинӣ шукӯҳу шаҳомати хоса бахшид.

**ТАҲЛИЛИ АМИҚ ВА ҲУШДОР**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуданд, ки имрӯз масъалаи муттаҳидсозии ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли масъалаҳои марбут ба об аҳамияти дучанд касб кардааст.

Президенти мо ҷомеаи ҷаҳониро ҳушдор доданд, ки «Об ҳамчун манбаи асосии ҳаёт бо таъсири тағйирёбии иқлим, афзоиши босуръати аҳолӣ, васеъшавии шаҳрҳо ва дигар омилҳои ба он таъсиррасон зери фишори амиқ қарор дорад. Барои тағйир додани ин тамоюл андешидани тадбирҳои таъхирнопазир дар ҳамаи сатҳҳо зарур мебошад».

Хотирнишон шуд, ки «Тоҷикистон тайи зиёда аз ду даҳсола масъалаҳои марбут ба обро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд пеш мебарад. Бо ибтикори ҷониби Тоҷикистон Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об нуҳ қатънома қабул намудааст ва татбиқи онҳо барои расидан ба ҳадафҳои глобалии ҳамоҳангшуда дар соҳаи об заминаи сазовор мегузоранд».

Ибтикори мазкур боис гардид, ки кишварҳои аз лиҳози ҷуғрофӣ, рушди иқтисодӣ ва фарҳангу забон гуногун барои татбиқи ҳадафҳои марбут ба об кӯшишҳои муштарак ба харҷ диҳанд. Вазъи мураккабу печидаи ҷаҳони имрӯза, мушкилоти марбут ба об, тағйирёбии иқлим, таъсири офатҳои табиӣ ба иқтисодиёту амнияти кишварҳо, иқдомҳои Тоҷикистон дар самти рушди «иқтисоди сабз» ва тавлиди «энергияи сабз» низ дар мадди назари Сарвари давлат қарор дошт.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон обро сарчашмаи ҳама мавҷудоти зинда дар олам ва қудрати муттаҳидсози одамони сайёра номида, афзуданд, ки мо бояд ба куллӣ тағйир додани тарзи фаҳмиш, арзиш ва идоракунии обро ба хубӣ дарк намоем.

Таъкид шуд, ки «Моро зарур аст, ки вобаста ба об дидгоҳи наве дошта бошем, ки дурнамои рушди захираҳои онро инъикос намуда, ҳамзамон ба таҳкими нақши захираҳои оби тоза дар рӯзномаи баъдинаи ҷаҳонӣ мусоидат кунад».

Бо натиҷагирӣ аз конфронс зикр шуд, ки ин оғози шоҳроҳи нави амалҳои мушаххаси мо мебошад ва бо неруи нав акнун мо метавонем амалҳои таҳиягардидаи муштаракро дар соҳаи об ба ҷаҳон расонем.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла, изҳор доштанд: «Ин се рӯз дар ҳақиқат моро неруи наве бахшид: мо аҳли ҷаҳонро ба шаҳри Ню - Йорк овардем, акнун мо метавонем амалҳои таҳиягардидаи муштаракро дар соҳаи об ба ҷаҳон расонем».

**ДИПЛОМАТИЯИ ОБ. МАФҲУМЕ, КИ БА ШАРОФАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ РӮИ КОР ОМАД**

Ташаббусҳои Пешвои миллат вобаста ба масоили об аз он ҷиҳат моҳияти хоса касб карда, мунтазам бо иттифоқи оро дастгирӣ меёбанд, ки кишвари мо бо вуҷуди эмин будан аз мушкилоти марбут ба об дар ин самт иқдом менамояд. Илова бар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб, ки ба фазо газҳои гулхонаӣ ихроҷ наменамояд. Пешвои миллат, ҳамчун сиёсатмадори оянданигар, бештар аз дигарон медонанд, ки дар ҷаҳони имрӯза ҳамгироӣ омили бениҳоят муҳим буда, ҳеҷ кишвар дар алоҳидагӣ наметавонад мушкилоти моҳияти глобалидоштаро ҳаллу фасл намояд.

Аз ҷониби дигар, мақсаду моҳияти ташаббусҳои Роҳбари давлати мо дар он зоҳир мегардад, ки мушкилоте, ки дар оянда мумкин аст домангири минтақаи Осиёи Марказӣ ва умуман ҷаҳони муосир гарданд, пешгирӣ шаванд. Ташаббусҳои Пешвои миллат - эълон кардани соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», соли 2013 - «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт», солҳои 2005 - 2015, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028» дар муддати нисбатан кӯтоҳ самар оварданд. Таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои марбут ба об бештар гардида, баргузор гардидани ҳамоишҳои байналмилалӣ, конфронсу симпозиум ва семинарҳо дар гӯшаю канори олам ба ҳукми анъана даромад.

Ба ибораи дигар, олам саҳнаи муносиби муколама барои ҳалли мушкилот дар соҳаи об шуд. Дар ин замина батадриҷ мафҳуми дипломатияи об рӯи кор омад. Аҳли сайёра дарк намуданд, ки ғояи дипломатияи об аз фаҳмиши анъанавӣ ё классикии он фарқ дошта, истифодаи усулҳои ҷадидро тақозо дорад.

Ба андешаи шахсияти маъруф Д. Р. Зиганшин, «ба таври анъанавӣ зери мафҳуми дипломатияи об нақши муайянкунандаро омили об дар сиёсати хориҷии давлатҳои назди соҳил мебозад, ки онҳо тавассути музокироти дутарафа ё бисёртарафа ҳалли мухолифатҳои вобаста ба онро миёни худ бартараф менамоянд». Дар Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар омадааст, ки «Тоҷикистон, чун кишвари дорои захираҳои фаровони об, ҷонибдори истифодаи одилона ва оқилонаи он захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад».

Соли 2016 дар саммити Будапешт Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон гуфта буданд: «Расидан ба мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об ва дигар вазифаҳое, ки ба Ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об ворид гардидаанд, ҳамчунин ба «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» шомил карда шуданд. Баробари ин, талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти ҳамкорӣ дар соҳаи об, бахусус, дар сатҳи фаромарзӣ, қайд кардан бамаврид аст. Возеҳ аст, ки имрӯз мушкилоти вобаста ба обро бе ҳамкории фарогир, бахусус дар сатҳи фаромарзӣ, ҳал кардан ғайриимкон аст. Мо мавқеи қотеъонаи худро нисбат ба мушкилоти печидаи обию энергетикии минтақа борҳо эълом карда будем ва бар он ақидаем, ки танҳо ҳамкорӣ ягона василаи оқилонаи ҳалли онҳо мебошад. Ҳамин аст, ки дар консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба масъалаҳои дипломатияи об диққати хоса дода шудааст».

Дар дохили кишвар низ Пешвои миллат ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, як қатор барномаҳои давлатӣ қабул гардиданд, ки ба беҳтар намудани ҳолати таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, вазъи мелиоративии замин, соҳилмустаҳкамкунӣ, азхудкунии заминҳои нав ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда рабт дорад.

Барномаҳои «Беҳтар намудани ҳолати таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ дар давраи солҳои 2007-2020», «Беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014», «Барқарорсозии қубурҳои баландфишор дар пойгоҳҳои обкашии заминҳои обёришаванда барои солҳои 2010-2015», «Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» аз ҳамон ҷумлаанд. Инчунин, ба мақсади ҳалли саривақтии мушкилоти обрасонӣ дар кишвар «Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025» қабул гардид.

Ба ғайр аз ин, бо истинод ба натиҷаҳои таҳқиқоти Бонки ҷаҳонӣ ва Барномаи рушди СММ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки ба мақсади таъмини аҳолии минтақа бо оби тозаи ошомиданӣ Консорсиуми байналмилалӣ оид ба истифодаи оби кӯли Сарез созмон дода шавад. Ин иқдом дар баробари коҳиш додани норасоии оби ошомиданӣ дар минтақа имкон хоҳад дод, то хавфи рахна шудани сарбанди Усой бартараф ва аҳолии минтақа аз таҳдиди харобиовари он раҳо гарданд.

Хулоса, ба шарофати ташаббуси панҷуми Пешвои миллат ин раванд бемайлон идома ёфта, таваҷҷуҳи аҳли сайёра ба мушкилоти марбут ба об тамоюли афзоишро касб хоҳад кард. Муҳим он аст, ки кишвари мо дар ҳалли масоили ҷаҳонӣ беш аз пеш саҳмгузор шуда, ба ин васила мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам устувор мегардонад.

**ҚАДРШИНОСӢ. ФАРҲАНГЕ, КИ АЗ ТАМАЛЛУҚУ МУБОЛИҒА ФАРСАХҲО ДУР АСТ**

Бегуфтугӯ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тарғибу мадҳ ва ситоиш эҳтиёҷ надоранд. Ин Абармарди дунёи сиёсат дар қалби тоҷику тоҷикистониён маъво гирифта, бунёдгузори давлати соҳибихтиёр, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, таҳиягари пояҳои ҳуқуқии миллат, эҳёкунандаи арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва динӣ, посдорандаи номи қаҳрамонони таърихӣ, пуштибони манфиатҳои милливу давлатӣ ва ҳуқуқу озодиҳои кулли шаҳрвандони кишвари азизамон эътироф шудаанд. Вале фарҳанги қадршиносӣ рисолати инсонӣ, қарзи виҷдон, оини ватандорӣ, салоҳияти шаҳрвандӣ бояд моро водор созад, ки ӯро ба таври бояду шояд арҷгузорӣ намоем.

Бо онҳое ҳамфикрам, ки андеша доранд: «Тасвири ҳамаҷонибаи корнамоии шахсиятҳои таърихӣ кори як шахс ва ҳатто як даврони таърихӣ нест. Нобиғаҳо дар як замон зиндагӣ мекунанд, вале ғояашон таърихиояндаро комил месозад».

Эътироф бояд кард, ки дар ин самт корҳои зиёд амалӣ шудаанд, вале бояд мадди назар дошта бошем, ки фаъолияти Пешвои миллат арзандаи садҳо достону ҳазорҳо мақолаву асарҳои илмиву оммавӣ ва ёддоштиву адабӣ аст.

Дар ин робита пешниҳод дорам, ки дар сохтори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон шуъбаи алоҳида оид ба таҳқиқи фаъолияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бозгӯӣ намудани нақши ин Абармарди дунёи сиёсат дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва муаррифии шоистаи кишвар дар арсаи байналмилалӣ таъсис дода шавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳ аст, ки соҳаҳои мухталифи илм низ аз ҷанбаҳои гуногун хизматҳои воқеии чунин шахсиятҳоро мавриди пажӯҳиш қарор дода, таъсири мусбати онҳоро дар масири таърих барои рушд, ваҳдат ва пешрафти миллату ҷомеаҳо ёдрас шуда, шинохт ва эътирофи онҳоро ба ҳайси «Пешвои миллат», «Падар - бунёдгузори давлат» ва монанди инҳо ба илмҳои сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ ворид кардаанд.

Қадршиносии хизматҳои Абармарди дунёи сиёсат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рисолати ватандорӣ ва қарзи фарзандии ҳар шаҳрванди баору номуси Ватан буда, бояд шурӯъ аз муҳити хонавода талқин гардад. Барои тақвияти андеша оид ба мақому манзалат ва нақши Пешвои миллат мо ба ҳеҷ ваҷҳ ба нокифоягии далелу рақамҳо мувоҷеҳ намегардем. Ҳазорҳо далели вобаста ба ҷоннисорӣ, садоқат, самимият ва ҷасорати Роҳбари мамлакат мавҷуд аст, ки дар сурати истифодаи як қисмати он метавон афкори дилхоҳ нафарро ба самти мусбат шакл дод.

Дастандаркорон бояд дарк намоянд, ки вобаста ба тарғибу ташвиқ ва бозгӯии хизматҳои Пешвои миллат баргузории чорабиниҳои қолабӣ бо иштироки ашхосе, ки худ моҳияти ин муқаддасотро дарк накардаанд, суханрониҳое, ки наметавонанд аудиторияро ҷалб намоянд, ҷалби нафароне, ки дар ҷомеа обрӯву эҳтиром надоранд, ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул нест. Мебояд бо ҷалби ашхоси донишманду аз набзи замон огоҳ, ба маънои том ватандӯст, ба Пешвои миллат воқеан ҳам содиқ, чорабиниҳо ба масъалаи мавриди назар рабтдоштаро дар сатҳи хубу сифати баланд доир намуд. Дар матолиби ба Пешвои миллат марбут бояд матонат, ирода, ҷасурӣ ва ғамхорӣ нисбат ба халқ, ҷоннисорӣ дар роҳи дастёбӣ ба сулҳ, хоксорию одамгарӣ ва поквиҷдонию садоқати ин Абармард бояд густурдатар инъикос ва таҳқиқ шавад.

Ба насли наврас ҳатман бояд ёдрас гардем, ки он замони пурҳаводис маҳз азхудгузаштанҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон замина барои таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ гардид. Бидуни тамаллуқ, манфиат, ба хотири баёни ҳақиқат ва иҷрои рисолати инсонӣ ва виҷдониамон бояд тарғибу ташвиқ намоем, ки ба қадри ин шахсияти таърихӣ расидан, дар ҷодаи пешгирифтаи ин Роҳнамо собитқадам будан, моҳиятан ва мантиқан ба маъраз гузоштани хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла, фарҳанги қадршиносӣ маҳсуб мешавад.

Дар заминаи баргузории ҳамоишҳои илмӣ - оммавӣ бояд таъкид гардад, ки илми таърихи сиёсӣ - иҷтимоӣ ва таҷрибаи давлатҳои мутамаддин собит менамоянд, ки дар кишварҳои зиёд мардуми қадршинос бо назардошти саҳми арзишманди фарзонафарзандон онҳоро ҳамчун қаҳрамон, пешво ва падари миллат ва давлатҳо эътироф кардаанд. Далелҳои зиёд мавҷуданд, ки эътироф ва муттаҳидии халқ дар атрофи пешвоён ва бунёдгузорони давлатҳо тайи зиёда аз дусад соли охир ба сони ғояи тарғибгари ваҳдат, нигоҳдошти роҳи таърихӣ, меросияти таҷриба ва дастовардҳо барои як идда давлатҳо аҳамияти хоса ва тамоюли афзоишро касб кардааст.

Бо истинод ба далелу рақамҳо ба мардум шарҳу тавзеҳ диҳем, ки тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ, аз шинохт ва эътирофи ин ашхос демократияи ин давлатҳо ва ё дигар озодиҳояшон ҳеҷ зарар надида, баръакс онҳо ба ин васила, ибтидои давлатдории худро аз назари ҳуқуқӣ эълон карда, роҳи рушди босуботи давлатро ба сӯи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ ҳифз намудаанд.

Ҳатман ёдовар шудан лозим аст, ки тибқи таҷрибаи таърихи сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷаҳонӣ, ки доштани пешвои миллӣ, эътирофи бунёдгузори давлат барои рушди худшиносӣ ва роҳи ҳамвори тараққиёти давлатдорӣ вобаста ба шароити дохилию байналмилалӣ шарт ва зарур аст. Барои миллати борҳо аз давлати миллӣ маҳрумгардидаи тоҷик, хоса дар ҷаҳони пурҳаводиси муосир зуҳури Пешвои миллӣ рамзи муттаҳидии халқ ба ҳисоб рафта, аҳамияти рӯзафзун касб намудааст.

Бо иқтибос намудани суханҳои пурҳикмат ва дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат бояд талқин намуд, ки Истиқлолияти давлатӣ дар сурате бегазанду абадӣ мемонад, ки ҳар як шаҳрванди кишвар манфиати милливу давлатиро аз ҳама манфиати дигар боло гузорад, барои иттиҳоду ягонагии ҷомеа талош намояд, ба қадри сарзамини аҷдодӣ расад ва онро чун модари худ азизу муқаддас шуморад.

Дар ин раванд ёдрас шудан лозим аст, ки ихтиёрдории тақдири имрӯзу фардо орзуву ормони ҳар як миллат буда, на ба ҳар халқият муяссар мегардад. Соҳибистиқлолӣ агар аз як ҷониб, ифтихор бошад, аз тарафи дигар, масъулияти азим буда, аз ҳар фарди миллат ҳисси баланди ватандӯстӣ, сатҳи волои ҳувияти миллӣ, садоқат ба арзишҳои инсонӣ, миллӣ ва давлатиро тақозо менамояд. Зиёданд дар ҷаҳон миллатҳое, ки теъдодашон то 40 миллион нафар аст, вале на давлат доранду на истиқлолият.

Вазифаи ҷонии масъулини мақомоти давлатӣ ва аҳли зиё он аст, ки ба мардум фаҳмонанд норасоӣ ва мушкилоти зиндагӣ танҳо дар сурати соҳибистиқлол будан ва мавҷудияти фазои сулҳу оромӣ ҳаллу фасл мегардад. Зеро миллате, ки истиқлолияту озодӣ дорад, имконият ҳам дорад, ки камбудиҳои мавҷударо бе таъсири ғайр ҳаллу фасл намояд. Дар ин раванд месазад аз дастовардҳои қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоиш вобаста ба татбиқи чор ҳадафи стратегӣ - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар ифтихор ва иқтибос намоем.

Корро бояд тавре ба роҳ монд, то тамоми қишрҳои ҷомеа беш аз пеш дарк ва арҷгузорӣ намоянд, ки маҳз ба шарофати мақому манзалати бениҳоят баланди муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ, обрӯву нуфузи хоса ва маҳбубияти беназири ин Абармарди дунёи сиёсат дар дохил ва хориҷи мамлакат Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ҷойгоҳи хосро соҳиб аст.

Вале ифтихор аз дастовардҳо ва истинод ба таърихи ғанӣ набояд боиси зоҳир гардидани муносибати дуюмдараҷа ба дурнамои соҳибистиқлолии мамлакат бошад. Мадди назар бояд дошт, ки ҷомеа дар шароити таҳаввулоти босуръат ва бисёр мураккаби ҷаҳони муосир қарор дорад, ки дар он раванду тамоюлҳои гуногуни манфӣ низ ҳастанд ва метавонанд ба истиқлолият, пояҳои давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ ва гузашта аз ин, ба ҳастии миллат хатар эҷод намоянд. Ташаккул додани тафаккури давлатӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ифтихор аз соҳибистиқлолӣ бояд ягон вақт аз мадди назар дур намонад.

Барои комёб будан дар ин самт ба болоравии маърифати сиёсӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва зиракии сиёсии мардум таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан бениҳоят муҳим аст. Мутмаин бошем, ки барои расидан ба ҳадафҳои муайянгардида дар симои Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳнамое дорем, ки моро минбаъд низ ба қуллаҳои боз ҳам баландтари мурод мерасонанд.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 414694 | Муассисаи давлатии «Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои риштаҳои амалӣ» | Таъмири дохили бинои Муассисаи давлатии «Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои риштаҳои амалӣ» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.04.2023 09:50:00 |
| 2 | 414696 | Шуъбаи фарҳанги МИҲД-и шаҳри Ҳисор | Асбобҳои мусиқӣ ва дастгоҳҳои тақвияти овоз дар маҷмӯъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 44 | 21.04.2023 13:20:49 |
| 3 | 414695 | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Идомаи сохтмони бинои якошёнаи истиқоматӣ дар шаҳри Кӯлоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.04.2023 10:05:00 |
| 4 | 414701 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯии бинои нави маъмурии Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 25.04.2023 14:10:00 |
| 5 | 414699 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар ноҳияи Шаҳринав | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 25.04.2023 14:26:53 |
| 6 | 414676 | Муассисаи давлатии «Рекламаи берунӣ ва ороишии шаҳри Душанбе» | Истеҳсол ва насби тахтаҳои баннерӣ бо навиштаҷот: корҳои васлкунӣ дар рӯшноӣ аз мониторҳои LED | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 1.05.2023 15:50:00 |
| 7 | 414677 | Раёсати тандурустии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Гул, тухмии алаф ва нуриҳои минералӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 1.05.2023 16:00:00 |
| 8 | 414679 | Муассисаи давлатии «Интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятиму бепарастор дар ноҳияи Ш. Шоҳин» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 1.05.2023 16:14:43 |
| 9 | 414680 | Маркази ҷумҳуриявии саломатии равонии кӯдакон ва наврасон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 1.05.2023 16:30:17 |
| 10 | 414681 | Агентии обуҳавошиносӣ | Либосҳои махсуси корӣ, инвентари нарм, молҳои канселярӣ ва оташхомӯшкунак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 1.05.2023 16:45:23 |
| 11 | 414684 | Муассисаи таълими томактабии кӯдакистони № 11-и Ҷамоати деҳоти Унҷӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 1.05.2023 17:10:00 |
| 12 | 414683 | Муассисаи давлатии махсусгардонидашудаи нақлиёти тиббӣ | Қисмҳои эҳтиётӣ барои автомашинаҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 162 | 1.05.2023 17:10:26 |
| 13 | 414678 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» | Стабилизатор бо камераи видео, микрофонҳо ва дорандаи микрофон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 1.05.2023 17:10:44 |
| 14 | 414686 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 2.05.2023 09:00:00 |
| 15 | 414687 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 2.05.2023 09:00:00 |
| 16 | 414688 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Дастпӯшаки корӣ, моеи ҳалкунанда, ранги равғанӣ ва асбоб барои рангкунӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 2.05.2023 09:00:20 |
| 17 | 414689 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Дастпӯшаки корӣ, моеи ҳалкунанда, ранги равғанӣ ва асбоб барои рангкунӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 2.05.2023 09:00:30 |
| 18 | 414690 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Шинаҳо, аккумуляторҳо ва қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 2.05.2023 09:06:49 |
| 19 | 414691 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 79 | 2.05.2023 09:13:52 |
| 20 | 414698 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Бохтар | Таҷҳизоти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 2.05.2023 13:10:25 |
| 21 | 414702 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 2.05.2023 14:15:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мухлати муқарраршуда мухлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# INVITATION TO BID

**The Republic of Tajikistan**
**Rural Water Supply and Sanitation Project (RWSSP)**

Name of assignment: **Reconstruction of Water Treatment Plant in Kushoniyon district**

**ICB number: RWSSP-W-ICB/028**
**IDA Grant No.: D4310-TJ**

1. The Republic of Tajikistan has received funding from the World Bank for the implementation of the Rural Water Supply and Sanitation Project (RWSSP) and intends to use part of the funds for the Reconstruction of Water Treatment Plant in Kushoniyon district.

2. The Rural Water Supply and Sanitation Project Management Unit is inviting eligible bidders to perform the construction works of the following facility:

**RWSSP-W-ICB/028 « Reconstruction of Water Treatment Plant in Kushoniyon district». The construction period of the facility is 18 months.**

The Works requires reconstruction of the pumping station with the procurement and installation of pumping, mechanical and electrical equipment; reconstruction of the construction of drinking water tanks; Construction of a sewage pumping station and the internal sewage network; construction of water chambers; installation of flowmeters; construction of an external power supply line; construction and installation of outlet and supply pipelines, valves and other stop valves and hydraulic testing; supply of the necessary materials and installation of on-site process and electrical networks, water supply networks and hydraulic testing and land improvement. Within the scope of the project and Reconstruction of Water Treatment Plant in Kushoniyon district will be provided.

3. Bidding will be conducted through international competitive procurement using Request for Bids (RFB) as specified in the World Bank's «Procurement Regulations for IPF Borrowers- November 2020», («Procurement Regulations»), and is open to all eligible bidders as defined in the Procurement Guidelines. In addition, please refer to paragraphs 3.14, 3.15 for the World Bank's conflict of interest policy.

4. Eligible bidders can obtain a complete set of bidding documents in English upon submission of a written application to the address indicated: Dushanbe, 56, N. Karabaeva str., Rural Water Supply and Sanitation Project Management Unit (RWSSP)

5. All bids must be accompanied by a Bid Security of US $164,000.00

6. Issuance of tender documents and requests for clarification must be received by the Customer no later than: 10 (ten) days before the date of opening of tenders.

7. Bids must be delivered to the address below on or before **15:00 local time June 05, 2023.** Electronic procurement is not permitted. Late bids will be rejected. Bids will be opened publicly in the presence of the designated representatives of the bidders and anyone wishing to attend, at the address below at **15:30 local time on June 05, 2023:**

**State Committee for Investments and State Property Management of the Republic of Tajikistan, Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, 27, Shotemur str., first floor, office 10.**

8. Additional information can be obtained at the address below during business hours from 09:00 to 17:00 (local time):

**Rural Water Supply and Sanitation Project Management Unit (RWSSP)**
**Republic of Tajikistan, Dushanbe, 56, N. Karabaeva str. 4th floor Tel.: (992372) 33 88 25; 33 13 30, E-mail: rwssp@midp.tj**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**27-уми апрели соли 2023 музоядаи № 11-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда ва музоядаи № 12-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

**Музоядаи № 11**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ | Соли барориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ВАЗ – 2107 | 141 UD 01 | 2005 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3150 |
| 2 | ВАЗ – 2107 | 153 UD 01 | 2004 | ------ // ------ | 2800 |
| 3 | ВАЗ – 21121 | 162 UD 01 | 2006 | ------ // ------ | 4550 |
| 4 | ВАЗ – 2101 | 05-65 V 01 | 2007 | ------ // ------ | 4200 |
| 5 | Нива Шевролет | 00-56 M 01 | 2007 | ------ // ------ | 12600 |
| 6 | УАЗ – 31-514 | 114 UD 01 | 1997 | ------ // ------ | 3000 |
| 7 | УАЗ – 469 | б/р | 1981 | ------ // ------ | 2500 |
| 8 | Ҷип – 2023 | 164 UD 01 | 2002 | ------ // ------ | 5504 |
| 9 | ВАЗ – 2107 | 03-54 M 01 | 2006 | ------ // ------ | 3500 |
| 10 | Митсубиси КУК | 180 ХА 01 | 1997 | ------ // ------ | 14000 |
| 11 | Нива Шевролет | б/р | 2005 | ------ // ------ | 6910 |
| 12 | Ҷип-2023 | 03-52 M 01 | 2004 | ------ // ------ | 5600 |
| 13 | ВАЗ – 11183 | 019 ХЕ 03 | 2006 | Муассисаи нақлиётии ҚМ РВКД дар вилояти Хатлон | 3500 |
| 14 | ВАЗ – 211440 | 132 ХА 03 | 2012 | ------ // ------ | 1481 |
| 15 | ГАЗ – 66 | 05-53 M 03 | 1982 | ------ // ------ | 17500 |
| 16 | ЗИЛ – 131 | 05-40 M 03 | 1983 | ------ // ------ | 21000 |
| 17 | ВАЗ – 21010 | 192 ХА 03 | 2007 | ------ // ------ | 4200 |
| 18 | ВАЗ – 2107 | Берақам | 2006 | ------ // ------ | 2400 |
| 19 | ГАЗ – 66 | 06-03 M 03 | 1982 | ------ // ------ | 7000 |
| 20 | ВАЗ – 2106 | 106 ХА 02 | 2001 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 2000 |
| 21 | ВАЗ – 21101 | 413 ZK 02 | 2005 | ------ // ------ | 3500 |
| 22 | ГАЗ – 3102 | 186 ZK 02 | 2003 | ------ // ------ | 3000 |
| 23 | ВАЗ – 2106 | 185 ZK02 | 2000 | ------ // ------ | 2000 |
| 24 | ВАЗ – 2107 | 04-29 M 02 | 2004 | ------ // ------ | 4000 |
| 25 | ВАЗ – 2107 | 411 ZK 02 | 2004 | ------ // ------ | 4000 |
| 26 | ГАЗ – 2705 | 04-74 M 02 | 2000 | ------ // ------ | 7000 |
| 27 | ВАЗ – 21101 | 04-65 M 02 | 2007 | ------ // ------ | 5000 |
| 28 | ВАЗ – 21074 | 040 ZE 02 | 2002 | ------ // ------ | 3200 |
| 29 | ВАЗ – 2107 | 541 ZK 02 | 2006 | ------ // ------ | 2400 |
| 30 | ВАЗ – 2106 | 923 ХА 08 | 2003 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ | 2000 |
| 31 | АС – 40 (130) | 13-17 А РТ 03 | 1978 | ------ // ------ | 14000 |
| 32 | АС – 30 (66) | 015 ВХ 08 | 1991 | ------ // ------ | 14000 |
| 33 | АС – 40 (131) | 281 ХА 02 | 1991 | ------ // ------ | 24500 |
| 34 | АС – 40 (131) | 920 ЗН 02 | 1980 | ------ // ------ | 21000 |
| 35 | АНР – 40 (130) | 21-98 В 02 | 1986 | ------ // ------ | 11200 |
| 36 | ГАЗ – 5204 | 325 ХА 04 | 1984 | ------ // ------ | 10500 |
| 37 | ВАЗ – 21074 | 55-08 В 02 | 2002 | Факултети №4 Академияи Вазорати корҳои дохилӣ | 2000 |
| 38 | ГАЗ – 31029 | 33-88 В 02 | 1993 | ------ // ------ | 2500 |
| 39 | ЗИЛ – 131 | 031 ВВ 01 | 1983 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилӣ | 24500 |
| 40 | ГАЗ-66 | 038 ВВ 01 | 1985 | ------ // ------ | 14000 |
| 41 | ЗИЛ – 131 | 012 ВВ 01 | 1989 | ------ // ------ | 24500 |
| 42 | ГАЗ-66 | 025 ВВ 01 | 1986 | ------ // ------ | 17500 |
| 43 | ГАЗ-66 | 023 ВВ 01 | 1988 | ------ // ------ | 17500 |
| 44 | ЗИЛ – 131 | 028 ВВ 01 | 1979 | ------ // ------ | 24500 |
| 45 | ЗИЛ – 131 | 032 ВВ 01 | 1984 | ------ // ------ | 24500 |
| 46 | ЗИЛ – 131 | 033 ВВ 01 | 1974 | ------ // ------ | 24500 |
| 47 | Ҷип-5201 | 065 ВВ 01 | 2003 | ------ // ------ | 5000 |
| 48 | Донг – Фенг (ба қисмҳо ҷудошуда) | 105 ВВ 01 | 2014 | ------ // ------ | 14797 |
| 49 | КАМАЗ – 53212 | 084 ВВ 01 | 1997 | ------ // ------ | 14000 |
| 50 | КРАЗ – 257 | 087 ВВ 01 | 1972 | ------ // ------ | 28000 |
| 51 | ЗИЛ – 131 | 030 ВВ 01 | 1983 | ------ // ------ | 21000 |
| 52 | ЗИЛ – 131 | 093 ВВ 01 | 1990 | ------ // ------ | 21000 |
| 53 | ГАЗ – 3110 | 38-29 А 03 | 2002 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и ВКД | 4000 |
| 54 | ВАЗ – 2106 | 03-09 M 02 | 1990 | ------ // ------ | 1500 |
| 55 | ВАЗ – 21012 | 01-66 M 01 | 2003 | ------ // ------ | 4000 |
| 56 | Мотосикл (Урал-67) | б/р | 1990 | ------ // ------ | 300 |
| 57 | Мотосикл (Урал-67) | б/р | 1990 | ------ // ------ | 300 |
| 58 | Мотосикл (Урал-67) | б/р | 1990 | ------ // ------ | 400 |
| 59 | Мотосикл (Урал-67) | б/р | 1990 | ------ // ------ | 400 |
| 60 | Мотосикл (Урал-67) | б/р | 1990 | ------ // ------ | 300 |
| 61 | Мотосикл (Урал-67) | б/р | 1990 | ------ // ------ | 400 |
| 62 | Мотосикл (Минск) | 04-04 АА 03 | 1986 | ------ // ------ | 400 |
| 63 | Мотосикл (Минск) | 04-05 АА 03 | 1986 | ------ // ------ | 400 |
| 64 | Мотосикл (Минск) | 04-06 АА 03 | 1986 | ------ // ------ | 400 |
| 65 | Мотосикл (Минск) | 04-07 АА 03 | 1986 | ------ // ------ | 400 |
| 66 | Мотосикл (Минск) | 04-08 АА 03 | 1986 | ------ // ------ | 400 |
| 67 | Мотосикл (Минск) | б/р | 1986 | ------ // ------ | 400 |

**Музоядаи № 12**

| № | Номгӯй | Рақами бақайдгирии давлатӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳавопаймои тамғаи АН – 12 Б | ЕК 12335 | «British gulf international company LTD» | 195 526 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2- юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ЭЪЛОН!

Барҳамдиҳандаи ҶСП «Кафолатбонк», тибқи талаботи моддаи 38 банди 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», ба маълумоти қарздеҳони ҶСП «Кафолатбонк», ки то имрӯз маблағҳояшонро бозпас нагирифтаанд, мерасонад, ки онҳо оид ба бозпас гирифтани маблағҳояшон аз суратҳисобҳои махсус минбаъд ба Бонки миллии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

# ЭЪЛОН!

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Бодома», воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати шаҳраки «Сомониён», кӯчаи Ватан, хонаи 1 ба таваҷҷуҳи шаҳрвандон мерасонад, ки дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаҳои Айнӣ №15 «Б» ва Бофанда, рақамҳои 10, 12, 14-и ноҳияи Шоҳмансур минбаъд - минтақаи сохтмони блокҳои «А», «Б», «В», ки дар асоси Қарори раиси шаҳри Душанбе аз 8-уми августи соли 2019 таҳти рақами 475 муқаррар шуда, ба ҶДММ «Бодома» тааллуқ дорад ва аз ҷониби ҶДММ «Кайҳонсохтмон» ба фурӯш гузошта шудаанд, аз шаҳрвандон эҳтиромона хоҳиш менамояд бинобар сабаби мавриди баҳси судӣ қарор доштан дар суроғаҳои зикршуда аз ҳиссагузорӣ дар сохтмони манзили истиқоматӣ худдорӣ намоянд.

Масъулияти минбаъдаро баъди нашри эълони мазкур ҶДММ «Бодома» ба зимма нахоҳад дошт.

**Маъмурияти ҶДММ «Бодома», телефон 933-07-20-20**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи АБ №260734– и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Қубодиён соли 2003 ба Тураев Зафар Рахмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи БП №855096- и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 39-и ноҳияи Қубодиён соли 1981 ба Джумаева Бибидона Бобомуратовна додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз бақайдгирии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 16-уми марти соли 2018 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пушкин, бинои 10, квартираи 91 ба Мадумаров Муҳаммадалӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии таҳти қайди 20863-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қосимов, бинои 7, квартираи 31 ба Шарипов Ҷовидон Исмоилович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А № 081551-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14-уми ноҳияи Фархор соли 1990 ба Одинаев Сайвалӣ Сулаймонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии бинои «Дармонгоҳи стоматологӣ»-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Хоразмӣ (собиқ Тунис), бинои 1/1 «Дармонгоҳи стоматологӣ» ба Зоирова Лутфия Подабоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2019 ба Муродов Шукруллоҳ Муҳаммадсафарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи таҳти феҳристи 9Д-438, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 1-уми январи соли 1994 ба Шарипов Раджабалӣ Зарифович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Ёқубов Ёқуб Маҳкамович (РМА 535035136, РЯМ 0331258786) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №4865-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 21-уми декабри соли 1997 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷ. Расулов, бинои 45/5, квартираи 18 ба Латыпова Тоҷинисо Саматовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А №002345-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №90-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1992 ба Азимурадов Гафур Шарифович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2019 ба Пиров Қадруллоҳ Ҳусейнович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2019 ба Одинаев Абубакр Хайруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ №О279681-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Қубодиён соли 2009 ба Имомкулова Зулфия Муродхоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи нопурра бо силсилаи Т-ШТА №0011954-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Қубодиён соли 2006 ба Бобохонова Мавлуда Сухробовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти умумии асосии гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Сангвор соли 2008 ба Шокирзода Ҳанифамоҳ Шокир додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муқадим» (РМА 040052301, РЯМ 0410030995), ки дар Нозироти андози ноҳияи Сино 2-юми ноябри соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Замон ва ҷомеа», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятии силсилаи ВАГ №0024437 буда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 7-уми майи соли 2020 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Зафар Ҷаъфар» (РЯМ 1810000757, РМА 180000462), ки 26-уми ноябри соли 2009 дар Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд
Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, ҲТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 12 апрели соли 2023, соати 17:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35625 нусха*

Навбатдорони шумора Н. Низомӣ ва Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97